ХАДАМОТИ АЛОҚАИ НАЗДИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ИҶОЗАТНОМА

№ 14-209-ҶТ

Дода шуд ба: **Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ИСАТЕЛ»**

Намуди фаъолият: **«Хизматҳо ҷиҳати интиқоли маълумот (аз ҷумла алоқаи телеграфӣ ва IP телефония)»**

Категорияи иҷозатнома: **Инфиродӣ**

Рақами бақайдгирӣ, рӯз: №14-209-ҶТ аз 11 апрели соли 2014
Мӯҳлати амали иҷозатнома: аз 11.04.2014 сол то 11.04.2019 сол
Рақами мушаххаси андозсупоранда: 020026695
Суроғаи ҳуқуқӣ ва воқеъи: ш.Душанбе, кӯч. Интернасионал 85
Рақами телефон, факс, e-mail: (37) 221-42-42, 221-35-36, www.isatel.tj

Рӯзи қабул кардани қарор дар бораи додани иҷозатнома: аз 11 апрели соли 2014

Ҳудуди амали иҷозатнома: **Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Иҷозатнома дар ҳолати мавҷуд будани шарту талаботҳои иҷозатнома, ки қисми ҷудонашавандаи он мебошад, эътибор дорад.**

**Сардор** Ҷ.М. **Зуҳуров Б.С.**

№ 0000209

## Шарту талаботҳои иҷозатномавӣ

*Замима ба иҷозатномаи инфиродии Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 14-209-ҶТ силсилаи № 0000209, аз 11 апрели соли 2014 барои пешниҳод намудани «Хизматҳо ҷиҳати интиқоли маълумот (аз ҷумла алоқаи телеграфӣ ва IP-телефония)»*

«11» апрели соли 2014 ш. Душанбе

Шартҳои мазкурро Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд -Иҷозатномадеҳ) мутобиқи Низомнома «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007 таҳти № 172 тасдиқ шудааст, муқаррар менамояд ва иҷроиши он аз ҷониби **ҶДММ «Исател»** (минбаъд иҷозатномадор) ҳангоми хизматрасонӣ мутобиқи Иҷозатномаи мазкур ҳатмист.

Номгӯи шарту талаботҳои иҷозатномавӣ дар шакли Замима ба Иҷозатнома илова карда мешаванд ва қисми ҷудонашавандаи иҷозатномаи додашуда мебошанд.

Ба иҷозатномадор иҷозат дода мешавад, ки дар доираи Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Хизматҳо ҷиҳати интиқоли маълумот (аз ҷумла алоқаи телеграфӣ ва IP-телефония)»**-ро, ҳамчунин бо истифода аз технологияи хатвосеи бесими Wi-Max ва WiFi пешкаш намояд.

Иҷозатномадор ӯҳдадор аст, шарту талаботҳои дар поён номбаршударо иҷро намояд:

- риояи тавсифоти техникии таҷҳизот (меъёру стандартҳо), воситаҳои алоқа, ки ҷиҳати бунёди шабака ва иншоот истифода мешаванд;
- риояи истифодабарии номиналҳои ба он ҷудошуда ё хатҳои радиобасомадӣ (номи стандартҳои радиоӣ алоқаи мутаҳаррик ва дастрасии бесим ва ғайра);
- тартиб ва мӯҳлати пешниҳоди ҳисоботро тибқи шаклҳои муқаррарнамудаи мақомоти иҷозатномавӣ оид ба фаъолияти иҷозатномадор риоя намояд;
- тартиб ва мӯҳлати ҳар семоҳа пардохтани маблағҳои ҳақи иҷозатнома барои додани иҷозатномаро риоя намояд;
- ҳар семоҳа на дертар аз санаи 10-уми моҳи аввали семоҳаи минбаъда ба Иҷозатномадеҳ ҳисоботи молиявӣ ва омориро тибқи шакли муқаррарнамудаи мақомоти иҷозатномавӣ пешниҳод намояд.
- барои истифодаи иҷозатнома дар соҳаи алоқаи барқӣ дар ҳар семоҳа ба андозаи 2,5 фоиз аз даромади иҷозатномадор ба буҷети давлатӣ хироҷ пардохт намояд;

- пардохти хироҷи иҷозатномавиро на дертар аз санаи 20-уми моҳи аввали семоҳаи оянда ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд;

- нақшаи ташкил ва дурнамои рушди шабакаро (азхудкунии масоҳати фарогирӣ, зиёдшавии иқтидори воситаҳои алоқа, теъдоди муштариён ва ғайра) таъмин, риоя ва пешниҳод намояд;

- сертификатсияи воситаҳои техникии алоқаи барқиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд;

- таҷҳизоти ҷавобгӯи стандартҳои байналмиллалӣ ва дорои сертификати мутобиқат, ки аз тарафи мақомот оид ба сертификатсияи воситаҳои алоқаи барқӣ додашудааст истифода барад.

- меъёрҳои муқаррargардидаи сифати хизматрасониҳоро таъмин намояд;

- фоизи нагузаштани пайвастҳо на бештар аз 5% аз теъдоди умумии пайваст таъмин намояд;

- тартиби васли шабакаи иҷозатномадорро ба шабакаи истифодаи умум риоя намояд;

- тартиби гузаронидани трафики телефонии байнишаҳрӣ ва байналмиллалӣ, истифодабарии рамзҳои (кодҳои) телефон, рақамҳоро риоя намояд;

- талаботи кори воситаҳои алоқаро ба манфиати амният ва мудофиаи давлат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои махсусан муҳими ҷамъиятию сиёсӣ, аз ҷумла таъминоти техникӣ системаи чораҳои фаврию (оперативию) ҷустуҷӯӣ риоя намояд;

- ба истифодабарандагон тартиби пешниҳоди хизматрасониҳо, тарифҳо ва ахбори истеъмолиро, аз ҷумла, тавассути воситаҳои ахбори омма ва дар сомонаҳои интернетӣ худ бо забони давлатӣ хабар расонад;

- сирри (маҳрамияти) гуфтугӯи телефонӣ, телеграфӣ ва ғайра ахбороти тавассути шабакаи алоқа додашаванда, амнияти иттилоот, аз ҷумла амният ва ҳифзи объектҳо ва иншоотҳои алоқаро таъмин намояд;

- кори шабакаҳои алоқаро ҳангоми вазъияти фавқулода омода ва таъмин намояд;

- тартиби тарҳрезӣ ва сохтмони шабакаҳо, иншоот ва объектҳои алоқаро риоя намояд;

- ҳамоҳангӣ бо системаи идораи фаврию (оперативию) техникиро таъмин намояд;

- иттилооти дархостшавандаро оид ба фаъолияти иҷозатномадор дар мӯҳлат ва тартиби муқаррарнамудаи иҷозатномадеҳ пешниҳод намояд;

- дастрасиро ба шабакаи истифодабарии умум дар асоси одилона ва бидуни поймолкунии ҳуқуқ таъмин намояд;

- тибқи тартиботи муқаррargардида сохтмони шабака, иншоот ё объектҳои алоқаро ба нақша гирад ё амалӣ намояд;

- ҳангоми мавҷуд будани иҷозат, Иҷозатномадеҳ шабакаи алоқаро васеъ намояд, таҷҳизотҳои навро истифода барад;

- барои ҷори намудани намудҳои нави хизматрасони иҷозатнома гирад;

Иҷозатномадор ӯҳдадор аст, ки шартҳои иловагии зеринро иҷро намояд;

- таҷҳизоти барои ташкили шабака ва хизматрасони «IP-телефония» истифодашавандааш бояд ҷавобгӯи талабот ва меъёрҳои стандартҳои байналмилалӣ буда, сертификатҳои мутобиқати Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи алоқа ва иттилоотонӣ додаро дошта бошад;

- таҷҳизот бояд на камтар аз 2 фарзияи протоколҳои SIP ё H.323 ро дастгирӣ карда тавонад;

- таҷҳизот бояд яке аз кодекҳои. G. 711, G.726 ё G.728-ро дастгирӣ намояд;

- шабакаи IP-телефония мувофиқи тавсияҳои Иттифоқи байналмилалии алоқаи барқӣ ITU-T, H.323 ё SIP созмон ёфта, ҷамъи дастгоҳҳои зерини тавассути IP-шабака пайвастшударо инҳо ташкил диҳанд;

шлюз (gateway);

диспетчер (gatekeeper);

манитор (administration manager);

- хизматрасони IP телефония бояд ба тавсифоти баҳомонии MOS ҷавобгӯ буда, дар он сифати хизматрасонии IP телефония аз рӯи тавсифоти асосии зерин бояд арзёбӣ гардад: садо бидуни вайронӣ шунида шавад;

- зудии гумшавии пакети садоҳо набояд аз 2 фоизи шумораи умумии пакетҳои додашаванда зиёд бошад;

- вақти таъхири байни талаффузи калимаи муштарии якум ва лаҳзаи онро шунидани муштарии дуюм на бештар аз 150-200 миллисония бошад;

- зичии қитъаи гузарониши канал набояд аз 16 кб/с бештар бошад.

- талаботи кори воситаҳои алоқаро ба манфиати амният ва мудофиаи давлат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои махсусан муҳими ҷамъиятию сиёсӣ, аз ҷумла таъминоти техникӣ системаи чораҳои фаврию (оперативию) ҷустуҷӯӣ риоя намояд;

- ба истифодабарандагон тартиби пешниҳоди хизматрасониҳо, тарифҳо ва ахбори истеъмолиро, аз ҷумла, тавассути воситаҳои ахбори омма хабар расонад;

Тамоми воситаҳои насбкарда ё харидорӣ намудаи Иҷозатномадор ҷиҳати хизматрасонӣ тибқи Иҷозатнома сарфи назар аз бекор кардан, тағйир ёфтан ё бозхонди Иҷозатнома моликияти Иҷозатномадор ҳисоб меёбад.

Иҷозатномадор бо дархости мақомоти иҷозатномадиҳанда бояд дар бораи ҳолат ва андозаи хизматгузориҳои пешниҳодшаванда дар мӯҳлати муқарраркардаи мақомоти иҷозатномадиҳанда ахборот пешниҳод намояд.

Иҷозатнома дар мӯҳлати 5 (панҷ) сол амал мекунад. Иҷозатнома мумкин аст ба мӯҳлати дода шуда дар асоси аризаи Иҷозатномадор на дертар аз 2 (ду) моҳ аз лаҳзаи ба охиррасии мӯҳлати амали он тамдид карда шавад.

Иҷозатнома ба ворисони ҳуқуқ дахл надорад, ба дигар шахси ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо ҳеч гуна шарт дода шуданаш мумкин нест.

Дар ҳолати азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ, (соҳибкори инфиродӣ) таъғйир ёфтани ном ё макони ҷойгиршавӣ ва ё тағйир ёфтани ном ё ҷои истиқомати соҳибкори инфиродӣ, иҷозатномадор - шахси ҳуқуқӣ (вориси ҳуқукии ӯ) ё соҳибкори инфиродӣ ӯҳдадор аст дар давоми на дертар аз понздаҳ рӯз барои аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷате, ки иҷозатнома доштанашро тасдиқ менамояд, ариза диҳад ва ба он ҳуҷҷатҳоеро замима кунанд, ки тағйироти нишондодашударо тасдиқ менамоянд.

Иҷозатномадеҳ ҳақ дорад ҳангоми ҷорӣ шудани стандартҳои нав меъёр ва қоидаҳои истифодабарии шабакаҳои алоқаи барқӣ ба шарту талаботҳои Иҷозатнома тағйироту иловаҳо ворид намояд.

Назорати риояи шарту талаботҳои иҷозатномавиро Иҷозатномадеҳ ба амал мебарорад.

Сардор
Ҷ.М.

Зуҳуров Б.С.